# ТАҚРИЗИ

роҳбари илмӣ ба диссертатсияи **Каримова Дилором Отахоҷаевна** дар мавзӯи «Асосҳои илмӣ-методии таълими забони тоҷикӣ дар факултетҳои ғайрифилологӣ (дар заминаи матнҳои тахассусӣ) барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.08 – Назария ва методикаи таҳсилоти касбӣ (13.00.08.04 – Назария ва методикаи фанҳои гуманитарӣ)

Рисолаи унвонҷӯй Каримова Дилором Отахоҷаевна ба таҳқиқи проблемаи муосир - асосҳои илмӣ-методии таълими забони тоҷикӣ дар факултетҳои ғайрифилологӣ (дар заминаи матнҳои тахассусӣ) бахшида шудааст. Ташаббус ва ибтикороти муаллифи рисола дар ин самти илмӣ на танҳо омӯзиши хусусиятҳои таълими забони тоҷикӣ дар риштаҳои ғайрифилологии макотиби олии кишвар, балки ба низом даровардани раванди таҳсил, пешниҳоди роҳу усули самарабахши омӯзиши фанни забони тоҷикӣ дар заминаи матнҳои тахассусӣ (ихтисоси “Таърих, Таърих ва ҳуқуқ” мебошад.

Муаллифи рисола бо дарназардошти мавҷудияти асосҳои бунёдӣ ва назариявии мавзӯи таҳқиқот коркарди падида ва унсурҳои навгонии мавзуи интихобшударо баррасӣ ва ҳаллу фасл кардааст. Аз нигоҳи муаллиф аҳамияти рӯзафзуни ташаккули салоҳиятмандии касбии мутахассисони соҳаҳои гуногуни хоҷагии хал дар робита ба фарҳанги нутқ ва гуфтору навиштор, зарурати амалии таҳияи низоми босамари таълим ва омӯзиши забони тоҷикӣ, рушди маҳорат ва малакаи забондонӣ ва забоншиносӣ, ки аксаран аз сатҳи пасти нутқи шифоҳӣ ва хатии шогирдони макотиби олӣ дарак медиҳад, муайян намуд, ки аҳамияти баланд бардоштани савияи дониш ва маҳорату малакаи нутқи донишҷӯёни факултетҳои ғайрифилологӣ хеле муҳим ба назар мерасад.

Падидаи навгонӣ ва бозёфти илмии рисола бо он арзёбӣ мегардад, ки муаллиф аз нигоҳи тозаи пажуҳиш ва дурнамои мавзӯи таҳқиқ бори нахуст дар илми лингводидактикаи ватанӣ коркарди асосҳои илмӣ-методии таълими забони тоҷикӣ дар факултетҳои ғайрифилологӣ дар робита бо илмҳои лингвистика, педагогика, психология ва дидактика ба

амал оварда шуд. Дар рисола таълими забони тоҷикӣ дар партави муносибати босалоҳият ба таълим дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ таҳқиқи ҳамаҷонибаи худро ёфта, аз ҷониби муаллиф ба моҳияти аслии муносибати босалоҳият ба таълим равшанӣ андохта шуд ва нофаҳмиҳо дар мавриди татбиқи амалии муносибати босалоҳият ба таълим мошкор гардид.

Саҳми диссертант дар коркард ва таҳияи системаи машқҳо ва матнҳои тахассусӣ барои донишҷӯёни факултетҳои ғайрифилологӣ (ихтисоси «Таърих", "Таърих ва ҳуқук») дар робита ба ташаккули малакаҳои коммуникативӣ-иртиботӣ ва нутқи мураттаб аз фанни "Забони тоҷикӣ" пешниҳод шудааст. Зиёда аз ин, дар рисола матн ҳамчун категорияи лингвистӣ ва методӣ тафсири комил ёфта, дар партави муносибати босалоҳият ба таълими забони тоҷикӣ дар факултетҳои ғайрифилологӣ ба ришти таҳқиқ кашида шуд. Собит гардид, ки лингвистикаи матн ҳамчун сохаи илми чудогона бо ҳадафҳо ва вазифаи аслии хеш – муайян намудани моҳият ва асосҳои фароҳам овардани шарту шароити муошират у муомилоти байниинсонӣ ба иҷрои асолатҳо ва риояи принсипҳои муҳимми дидактикӣ – иттилоотӣ, тарбиявӣ, рушдёбӣ ва таҳлилӣ-ҷамъбастӣ мақоми хосро ба иҷро мерасонад.

Тавсиф ва ҷамъбасти натиҷаи корҳои озмоишӣ-таҷрибавӣ дар самти ташаккули салоҳиятмандӣ ва фарҳанги нутқи донишҷӯёни факултетҳои ғайрифилологӣ собит сохт, ки дар заминаи матнҳои тахассусӣ донишҷӯён ба фазои салоҳияти забонӣ ва коммуникативӣ-иртиботӣ дар сатҳи талаботи стандартҳои фаннӣ ва барномаи таълим хубтар ва амиқтар ворид мешаванд. Инчунин7 дар системаи таълимии пешниҳодшуда дар муқоиса бо таълими анъанавии забони тоҷикӣ пешравӣ ва салоҳиятмандии муҳассилин баргузида эътироф шуда, татбиқи он дар асоси матнҳои тахассусӣ мусбӣ арзёбӣ мегардад.

Модели пешниҳодкардаи муаллиф дар раванди таълими забони тоҷикӣ дар заминаи матнҳои таълимии тахассусӣ дар ташаккули салоҳияти забонӣ ва коммуникативӣ-иртиботии муҳассилин асоси

салоҳияти забонӣ ва коммуникативӣ-иртиботии муҳассилин асоси назариявии омодагии донишҷӯён дар робита бо технологияҳои муосири педагогӣ аҳамиятм муҳим дошта, татбиқи он ба фаъолмандии инфиродии муҳассилин мусоидат менамояд. Маводҳои дидактикии дар рисола ва махсусан дар қисмати замима ҷойёфта ба омӯзгорон дар ташкили бонизоми дарс ва машғулиятҳои амалӣ ёрии калон мерасонанд.

Маҳаки асосӣ ва қувваи пешбарандаи рисоларо ғояи муаллиф дар бобати ҳусни гуфтору муошират ҳамчун маҷмӯи маҳорату малакаҳои забондонии муҳассилин дар заминаи матнҳои тахассусӣ ташкил медиҳад, ки он дар раванди фаъолияти нутқ шакл мегирад ва ба азхудкунӣ ва истифодаи меъёрҳои каломи модарӣ, қоида ва меъёрҳои одоби муошират алоқаманд мебошад.

Эътимоднокии натиҷаҳои бадастома дар партави истифода аз пойгоҳи методологӣ ва назариявии пажӯҳиш; такя ба маҷмӯи усулҳои назариявӣ ва таҷрибавии таҳқиқот, ки ба мавзӯъ ва ҳадафҳои пажуҳиш созгор ва мувофиқ аст; таҳлили шароит ва натиҷаҳои фаъолияти таҷрибавӣ-озмоишӣ; тасдиқи пешбиниву андешаҳое, ки дар фарзия ва ғояи пешбарандаи диссертатсия ба миён гузошта шуд; тафтиши маводҳои озмоишӣ аз фанни забони тоҷикӣ дар низоми таҳсилоти олии касбӣ (риштаи ғайрифилологӣ); таҷрибаи амалии фаъолияти касбӣ ва педагогии муаллифи рисола диссертатсия асоснок шудааст.

Саҳми шахсии унвонҷӯ аз нигоҳи бунёдӣ, асоснокии ғояҳо ва мулоҳизоти проблемаи таҳқиқ, коркарди амсилаи консептуалӣ равшан ба назар мерасад. Чунин иқдом имкон фароҳам овардааст, ки дар партави муносибати босалоҳият ба таълими забони тоҷикӣ дар факултетҳои ғайрифилологӣ дар заминаи матнҳои тахассусӣ ба раванди ташаккул ва рушди фаъолияти гуфтору навиштори муҳасилин (фаъолияти нутқ) дастуру тавсияҳои асоснок пешниҳод карда шавад.

Ба андешаи мо, диссертатсияи мазкур таҳқиқоти анҷомёфтаи илмӣ дар соҳаи методикаи таълими забони тоҷикӣ маҳсуб меёбад. Он ба талаботи давру замон бобати ҷустуҷӯи роҳу усулҳои пешқадами

фаъолияти омӯзгорони ин фан дар самти ташаккул ва рушди маҳорат ва малакаи суханронӣ, баёни фасеҳ ва густурдаи матлаб мусоидат хоҳад кард.

Дар ҳаллу фасли вазифаи пешгузошташуда унвонҷӯй далелу маводҳои зарурирро ба таври возеҳ ва васеъ истифода кардааст. Муаллиф дар самти тадқиқоти мазкур аз адабиёти илмии зарурӣ огоҳии комил ва ҳамаҷониба дорад. Унвонҷӯй тадқиқоти масъалаи пешгирифтаро дар робита бо истифодаи технологияи муосири таълими забони тоҷикӣ, ташаккули мутахассисон – муаррихону ҳуқуқшиносони оянда мувафаққона ва пурарзиш анҷом додааст.

Мазмуни таҳқиқоти диссертатсионӣ ба соҳаи зерини шиносномаи ихтисоси 13.00.08 – Назария ва таҳсилоти касбӣ (13.00.08.04 – Назария ва методикаи фанҳои гуманитарӣ) мувофиқати комил дорад.

Диссертатсия ба талаботи Низомномаи намунавӣ оид ба Шӯрои диссертатсионӣ ва тартиби додани дараҷаҳои илмӣ ва унвони илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ гардидааст, ҷавобгӯ буда, барои ҳимоя дар Шурои диссертатсионии ДМТ пешниҳод мегардад.

**Роҳбари илмӣ**
доктори илмҳои педагогӣ, профессори
кафедраи забоншиносии умумӣ ва
типологияи муқоисавии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон
**Негматов Саъдуллоҷон Эргашевич**

**Маълумот барои тамос:**
Суроға: 734025, ш.Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 17.
Телефон: (+992) 918 50 63 18 (мобилӣ)+.
E-mail: snegmas@rambler.ru

Имзои С.Э. Негматовро тасдиқ мекунам:
Сардори идораи кадрҳо ва қисми махсуси ДМТ Э.Тавқиев

11.12.23